# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи унвончӯйи кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон.**

Диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи **«Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)»**, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон таълиф гардида, ба масъалаи таҳлил ва хусусиятҳои назариявии ономастикаи осори Аҳмади Дониш бахшида шудааст.

Аслан, омӯзиш ва таҳлили ономастикаи забон яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ шуда, дар ин самт корҳои назаррас ва судманд амалӣ шуда истодаанд, вале бо вуҷуди ин, паҳлуҳои мухталифи масоили ономастикаи точик то ҳол ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Яке аз ин гуна масъала дар асоси маводи пешниҳодшудаи осори А. Дониш ба таври пурра таҳқиқ нашудани хусусиятҳои грамматикии он дар сатҳи лексика ва ошкорнамоии теъдод ва хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории онҳо маҳфузмонда мебошанд.

Диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна маҳз ба ҳамин иртиботи луғавии осори А. Дониш дар мисоли корбурди вожаҳои ономастикӣ бахшида шуда, он фарогири муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ ва замима аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои аҳамияти таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, мақсаду вазифа, навгониҳои илмии диссертатсия, аҳамияти назариявию амалӣ, метод, объект ва предмети таҳқиқ, саҳми шахсии диссертант дар таҳқиқи мавзуъ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди амалии натиҷаҳои диссертатсия ва сохтор мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки вай бори нахуст дар боби ономастикаи асарҳои насрии фалсафӣ ва таърихии маорифпарвари точик Аҳмади Дониш таҳқиқот ба анҷом расонида, маводи ономастикии асарҳояш дар мавриди ҷаҳонбинӣ ва дараҷаи фаъолияти нависанда, мавзеъҳои сафарнамудаи ӯ, ҳамсуҳбатон ва ашхоси вокеию тахайюлие, ки дар наср оварда шудаанд, маълумот медиҳад. Маводи топонимӣ ва антротопонимии асар, ки дар натиҷаи таҳқиқу таҳлили илмӣ муайян карда мешаванд, ба истифодаи масоили минбаъдаи ин соҳа мусоидат намуда, барои муҳаққиқони соҳаи таърих ва ҷуғрофия низ кумаки амалӣ мерасонанд.

Антропониму топонимҳои фаровони осори А. Дониш дар шарҳу маънидод, таҳлилу таҳқиқи масоили гуногуни этимология, калимасозӣ, фонетика, грамматика ва дигар қисматҳои забоншиносӣ кумак мерасонанд.

Мавриди зикр аст, ки роҷеъ ба масъалаи ономастикаи осори А. Дониш то кунун таҳқиқоти алоҳидае ба анҷом нарасидааст. Дар рисола мақсад гузошта шудааст, ки аз нигоҳи забонӣ ономастикаи осори ин мутафаккир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Барои амалӣ намудани мақсад дар диссертатсия як қатор вазифаҳо амалӣ карда шудаанд:

-муайян намудани дараҷаи тасвири ҳудуди таърихӣ-ҷуғрофии Мовароуннаҳр ва ақсои олам, ки дар осори А. Дониш омадаанд;

-нишон додани вижагиҳои луғавию семантикии антропонимҳои осори А. Дониш;

-таҳқиқи вижагиҳо ва унсурҳои луғавии топонимҳои дар осори А. Дониш зикргардида;

-баррасии хусусиятҳои луғавии гидронимҳо, оронимҳо ва астронимҳои осори А. Дониш;

-муайян намудани нақши анҷомаҳои топонимсоз ва ҷанбаҳои забонии онҳо дар таркиби топонимҳо;

-муайян намудани қабатҳои забонии антропонимҳо ва топонимҳои осори А. Дониш;

-баррасии хусусиятҳои сохтории ономастикаи асарҳои А. Дониш.

Ҳадафи асосии унвонҷӯ дар боби якум, ки "Таҳлили назариявии номшиносии осори бадеӣ " ном дорад, нишон додани мулоҳиза ва нуктаи назари муҳаққиқон, оид ба таҳлили антропонимия, топонимия, гидронимия, ва оронимия мебошад. Воқеан, тавре зикр намудем, саҳми мутахассисони соҳа роҷеъ ба масъалаи омӯзиши ономастикаи Тоҷикистон бағоят бузург буда, дар забоншиносии тоҷик оид ба ин масъала заминаи мусоиде фароҳам оварда шудааст ва паҳлуҳои мухталифи масоили ономастикаи Шарқ дар осори олимони ватанӣ ва Аврупоии асри XIX низ таҳқиқ гардидааст.

Ин аст, ки Шамсудинова М. А. дар се фаслу даҳ зерфасли боби нахусти диссертатсия дар бораи таҳлили назарияи номшиносии осори бадеӣ мулоҳизаҳо дар мавриди масъалаҳои ономастика дар осори бадеӣ, таҳлили номшиносӣ асарҳои ӯ, классификатсияи номшиносӣ қабатҳои ономастикаи осор таҳқиқот анҷом додааст.

Дар боби дуюми диссертатсияи мазкур хусусиятҳои забонии топонимияи осори А. Дониш, қабатҳои забоншиносии номвожаҳои осори Аҳмади Донишро мавриди таҳлили амику дақиқ қарор дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия фарогири масоили сохтори ономастикаи осори Аҳмади Дониш маҳсуб меёбад.

Ба намуд ва гурӯҳҳои мухталиф тасниф кардани маводи ҷамъоваришуда оид ба ономастикаи осори А. Дониш муаллифи диссертатсияро водор кардааст, ки онҳоро аз рӯйи шакл ба хелҳои гуногун ҷудо намуда, таҳлили оморӣ намояд.

Дастовардҳои муаллиф дар таҳқиқоти мазкур зиёд мебошанд, муаллифи он барои эҷоди ин гуна диссертатсия заҳмати фаровон ба харҷ додааст, вале дар қатори муваффақиятҳо диссертант ҳангоми таҳлили маводи гирдомада, ба баъзе ғалатҳо роҳ додааст, ки ислоҳи онҳо дар оянда барои беҳтаргардии сифати он ёрӣ хоҳад дод:

1. Хуб мешуд иқтибосҳо тибқи талабот ҷо ба ҷо карда шаванд;

2. Дар кор ғалатҳои имлоӣ (с. 5, 8, 19, 21, 52, 89) ва техникӣ (с. 8, 20, 78, 98, 106) мушоҳида карда мешаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамаи ин камбудиҳои дар диссертатсия ҷойдошта қиммати илмии онро коста намегардонанд.

Мазмуну мухтавои автореферат бо диссертатсия мувофиқ буда, мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва дар маҷмуаҳои дигари илмии нашрнамудаи диссертант мухтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну мухтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.19 – Назарияи забон таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи мавриди тақризи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи **«Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)»** кори баанҷомрасида ва ҷавобгӯи талаботи КОА ҶТ ҳисобида, муаллифи онро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19. – Назарияи забон шуморидан мумкин аст.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферат дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима гардидааст.

«15» июни 2022 с. Суратҷаласаи №11

Муқарризи холис:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи
тарҷума Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

Суроға:
734019, н. Сино, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6

Имзои Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевнаро тасдиқ менамоям:

Мудири шуъбаи кадрҳои
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

16.06.2022с.